# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Барномаи таълими**

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**дар синфҳои 10 - 11 -у ми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Душанбе 2016**

**Барномаи таълими таърихи халқи тоҷик дар синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе, 2016, 40 саҳ.**

**Мураттибон:** Ҳотамов Н. Б (Сардори гурӯҳ) Ҳокимов Н.

Ба матбаа 23.09.2016 супорида шуд.
Ба чоп 05.10.2016 иҷозат дода шуд.

Андозаи 60х84 1/16/. Ҷузъи чопии шартӣ 2 Теъдод 3300 нусха. Барнома дар Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад 13[а] Тел.: 227-48-09. E-mail: mmarkaz@jist.ru

# ТАВЗЕҲНОМА

Барномаи мазкур ба «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Нақшаи намунавии таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» мувофиқ аст.

Мақсади омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон шиносоии хонандагон бо таърихи халқи тоҷик, ташаккули ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ, тарбияи тафаккури таърихӣ, ҳисси меҳанпарастию башардӯстӣ ва ба ҳаёти мустақилона тайёр кардани онҳо мебошад.

Вазифаҳои фанни таърихи халқи тоҷик барои хонандагон чунинанд: донистани воқеаву равандҳо ва номҳову истилоҳҳои илмии таърихӣ, ҳосил кардани тасаввуроти умумии таърихӣ, пайдо намудани дониш, маҳорат ва малакаи таҳлили рӯйдодҳои таърихӣ, ошкор сохтани сабабҳову оқибатҳои воқеоти таърихӣ, дарки робитаҳои воқеӣ миёни ҳаводиси таърихӣ, дар амал истифода кардани донишҳои таърихӣ, ташаккули қобилияти фикрӣ, ба воқеаҳои таърихӣ, фаъолияти одамон ва шахсиятҳои таърихӣ баҳо дода тавонистан, нисбат ба воқеаву равандҳои таърихӣ пайдо намудани ақидаи шахсии худ ва дифоъ карда тавонистани он, донистани санаҳои таърихӣ, тартиби ба вуқӯъ пайвастани воқеаҳои таърихӣ, мувофиқати санаҳо ба воқеа ва равандҳои мушаххаси таърихӣ, донистани ҷуғрофияи таърихӣ, доштани тасаввуроти умумӣ оид ба давраҳои тамаддуни халқи тоҷик.

Дар таърих донистани инкишофи раванди таърихӣ ва унсурҳои он хеле муҳим аст. Аз ин хотир, шогирдони мактаб ҳангоми омӯзиши фанни таърих, пеш аз ҳама, бояд диққати худро ба аҳамияти далелу ҳодисаҳо, номҳо ва мафҳуму истилоҳҳои илмӣ, шарҳи ҳодиса ва воқеаҳо, муайян намудани сабабу натиҷаҳои воқеаҳои таърихӣ ва робитаи мутақобилаи

онҳо, дидани тамоюл ва болоравии диалектикии равандҳои таърихӣ, муқоисаи воқеаву равандҳои таърихӣ, шарҳи мақсаду мароми неруҳои сиёсӣ, хусусиятҳои ҳаводиси таърихӣ, муайян намудани моҳият, мансубият ва гурӯҳбандӣ (типология)-и воқеаҳо, баҳо додан ба моҳияти ҳодисаву воқеаҳо, рафтору кирдор ва фаъолияти иҷтимоии одамон, шахсиятҳои таърихӣ ва неруҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ ҷалб намоянд.

Марбут ба синфҳои алоҳида вазифаҳои омӯзиши таърихи халқи тоҷик ҳамчун меъёри дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон дар охири барномаи ҳар як синф мушаххастар зикр шудаанд Ҳангоми омӯхтани таърихи халқи тоҷик ба омӯзгорон зарур аст, ки робитаҳои дохилифаннӣ (дар дохили маводди барномавии ҳар як синф оид ба курсҳои алоҳидаи таърих ва дар байни ду курси таърих - таърихи умумӣ ва таърихи халқи тоҷик) ва байнифаннӣ (забон, адабиёт, география, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, математика, физика, химия, биология ва фанҳои дигар) - ро ба назар гиранд. Ии усул ба мақсади таълими ҳамгиро мувофиқ буда, аҳамияти таълимию тарбиявии таърихи халқи тоҷикро боз хам баландтар мебардорад ва аз омӯзгорону хонандагон тақозо мекунад, ки донишҳои ҳарду курси таърих ва ҳамаи фанҳои таълимиро хуб аз бар намоянд.

Баъзе мавзӯъҳо дар ҳар ду курси таърих такрор ёфтаанд. Дар яке аз курсҳои таърих ҷой додани онхо мумкин набуд, чунки дар ҳар яки оиҳо ин мавзӯъҳо вазифаю мақоми гуногунро иҷро менамоянд. Чунин мавзӯъҳоро омӯзгорон метавонанд дар яке аз курсҳои таърих мутгаҳид намоянд.

Соатҳои барон омӯзнши мавзӯъҳо додашуда тахминианд. Аз ин рӯ, омӯзгорон метавонанд онҳоро таври дигар тақсим кунанд, лекин он бояд танҳо дар доираи теъдоди соатҳое, ки барномаи таълими таърихи халқи тоҷик барои ҳар як синф муқаррар кардааст, ба роҳ монда шавад.

Барнома дар ҳаҷми 136 соати дарсӣ мураттаб гардида, барои синфҳои 10-11- ум хафтае 2-соатӣ ва дар як соли таҳсил дар ҳар синф 68 соат ро дар бар мегирад.

Дар охири барномаи ҳар як синф аз ҳисоби соатҳои муқарраршуда бо мақсади такрори маводди таълимӣ, санҷиши дониши хонандагон ва корҳои дигар соатҳо дода шудаанд. Онҳо ба омӯзгорон имконият медиҳанд, ки дарсҳои гузаштаро хуб такрору мустаҳкам кунанд ва дар хар як соли таҳсил гайр аз санҷиши ҷории дониш дар синфхои 10-11-ум на камтар аз 2 маротиба дониши умумии хонандагонро аз дарсҳои гузашта бисанҷанд.

Дар хотима хотиррасон мекунем, ки ҳаҷми донишҳои дар барнома додашударо вобаста ба шакли мактабҳо, мансубияти онҳо ба муассисаву идораҳои гуногун ва ё кам будани теъдоди соатҳои таълимӣ тагйир додан ва ё ихтисор кардан мумкин нест.

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК дар синфи 10-ум (68 соат)

**М У Қ А Д Д И М А** (1 соат)

Зарурати таълими таърихи халқи тоник дар синфи 10-ум. Муайян кардани давраи таълими таърихи халқи тоҷик барои синфи 10-ум. Хусусияти таълими таърихи солҳои 1917-1945. Даврабандии таърихи сотсиализм ва шӯравӣ. Фанҳои ёрирасони таърихи халқи тоҷик дар синфи 10-ум. Алоқамандии таърихи халқи тоҷик бо таърихи умумӣ.

ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ СИЁСАТИ БУНЁДИ АСОСҲОИ ҶОМЕАИ ИҶТИМОИ (СОТСИАЛИСТИ). ГУЗАРИШ АЗ ФЕОДАЛИЗМ БА СОТСИАЛИЗМ (1917 -1937)

Мавзӯи 1. Тоҷикистон дар давраи бунёди давлати миллӣ-шӯравии иҷтимоӣ (1917 - 1924) (21 соат)

**Ибтидои ташкилёбии сохтори идораҳои давлатии Ҳокимияти Шӯравӣ (1** соат). Хусусиятҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон. Таъсиси аввалин Хукумати пролетарӣ, деҳқонӣ ва зиёиёни ҳимоятгари манфиатҳои меҳнаткашон.

Ҳуҷҷатҳои аввалини ҷомеасозии Ҳокимияги Шӯравӣ (2 **соат).** Тавсифи умумии масъала. Эъломияи ҳуқуқҳои халқи заҳматкаш ва мазлум. «Эъломияи ҳуқуқҳои халқҳои

Русия». Муроҷиатномаи «Ба ҳамаи меҳнаткашони мусалмони Русия ва Шарқ».

**Барҳам додани сохторҳои куҳнаи давлатӣ ва таъсиси сохторҳои нави Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон (2** соат). Барҳам додани мақомоти давлатии ҳукумати сарнагунгашта. Таъсиси мақомоти қудратии Х,окимияти Шӯравӣ: милиса, қӯшун ва судҳо.

**Чорабиниҳои аввалини иқтисодии Шӯравӣ дар Тоҷикистон (2 соат).** Ҷорӣ гардидани назорати коргарӣ ва моҳияти он. Ибтидои ислоҳоти обу замин.

Сабабҳои асосии ҳаракати зиддишӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1918-1923 дар Тоҷикистон (2 соат).

Назарияи ҷангҳо ва ҷангҳои шаҳрвандӣ. Омилҳои дохилии ҷанги шаҳрвандӣ. Омилҳои берунаи (хориҷии)ҷанги шаҳрвандии солҳои 1918 - 1923 дар Тоҷикистон. Характери ҷанги шаҳрвандии солҳои 1918-1923

**Ҳаракати зиддишӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 1918 - 1923 (2 соат).** Сабабҳои ба вуҷуд омадани ҳаракати зиддишӯравӣ дар Тоҷикистон. Оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ва рафти он дар солҳои 1918-1920. Барҳам дода шудани бекигарии Мастчоҳ ва ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ дар вилояти Суғд.

**Ҷанги шаҳрвандӣ дар Вилояти Худмухтори Кӯҳистони Бадахшон (1 соат).** Хусусияти ҷанги шаҳрвандии Кӯҳистони Бадахшон. Сегонаи ҳарбӣ - сиёсӣ ва фаъолияти он.

**Ҳаракати зиддишӯравӣ ва оғози ҷанги шахрвандӣ дар Бухорои Шарқӣ (2 соат).** Оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Бухорои Шарқӣ. Мубориза бар зидди Иброҳимбек. Ба Бухорои Шарқӣ омадани Анварпошо ва фаъолгардии ҳаракати зиддишӯравӣ. Маъракаи зарбазанӣ ба Анварпошо ва натнҷаи он. Сомеъ (Салим) ва фаъолияти ӯ. Шикает дода шудани Махсуми Фузайл.

**Сабабҳои ғалабаи Ҳокимияти Шӯравӣ ва шикасти босмачигарӣ дар ҷанги шахрвандӣ (1 соат).** Сабабҳои асосии ғалабаи Ҳокимияти Шӯравӣ аз диди шӯравӣ (марксиста, материалистӣ, идеалиста, душманони сотсиализм) ва ҳозира.

Манфиати меҳнаткашонро тарафдорӣ ва ҳимоя кардани Ҳокимияти Шӯравӣ.

**Вазъияти иқтисодии халқи тоҷик дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ (2 соат).** Сиёсати иқтисодии Ҳокимияти Шӯравӣ. Ҷорӣ гардидани сиёсати «Коммунизми ҳарбӣ» ва хусусияти он дар Тоҷикистон. Сиёсати нави иқтисодӣ (СНИ) дар Тоҷикистон. Гузариши халқи тоҷик ба ҳаёти осоишта.

**Тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Миёна** (2 соат). Зарурати тақсимота миллӣ - маъмурии Осиёи Миёна. Пешниход оид ба масъалаи тақсимот. Ҳолати ифодаи манфиатҳои тоҷикон дар ҶМШС Туркистон ва ҶХШ Бухоро. Равиши таъсисёбии комиссияи тоҷикии тақсимот.

**Раванди таъсисёбии Чумхурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1 соат).** Раванди ташаккулёбии мухторият. Таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон.

**Дарси такрорӣ (1 соат).** Назария ва амалияи инқилоби сотсиалистӣ дар Тоҷикистон. Масъалаҳои ҷанги шаҳрвандӣ аз диди дирӯз ва имрӯз. Босмачиҳо кистанд ва босмачигарӣ чист?

Мавзӯи 2. Тоҷикистон дар давраи мухторият (1924 -1929) (11 соат)

**Вазифаҳои навбатии ҳукумат ва халқи ҶМШС Тоҷикистон дар давраи мухторият (1** соат). Мушаххас ва муайян кардани вазифаҳои ҳалталаби ҳукумату халқ оид ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ.

**Авзои сиёсиву ҷамъиятии ҶМШС Тоҷикистон (2 соат).** Сохтмони ҳизбӣ. Ташкилоти ҳизбии қисматҳои Туркистонию Бухорои Шарқӣ. Ташкилоти ҳизбии _ҶМШС Тоҷикистон: Ташкилоти ҳизбии Тоҷикистоиии ҲК Узбекистан. Сохтмони шӯроҳо. Муносибати Ҳукумати Шӯравӣ ба Комитетҳои инқилобӣ ва Шӯроҳо. Интихоботҳо ба Шӯроҳо дар солҳои 1923 - 1926.

**Азнавбарқароркунии хоҷагии халқи ҶМ1ПС Тоҷикистон** (2 **соат).** Ҳалли масъалаи аграрӣ. Ислоҳоти обу

замини солҳои 1926 - 1928 ва такдири он дар Тоҷикистон. Саноат ва ҳунармандӣ дар ҶМШС Тоҷикистон.

**Муборизаи синфӣ дар давраи мухторият (2 соат).** Маъракаҳои зарбазанӣ бар зидци Иброҳимбек. Барҳам дода шудани моҷарои Махсуми Фузайл.

**Фарҳанг дар давраи ташаккулёбии давлати миллй-иҷтимой (1917-1929) (1 соат).** Маориф ва мактаб. Адабиёт. Илм ва муассисаҳои илмй. Муассисаҳои маданй- маърифатй.

**Таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1 соат).** Аз мухторият ба соҳибихтиёрй. Анҷуманҳои шӯроҳои умумитоҷикистонй ва қарорҳои онҳо.

**Дарси такрорй (1 соат).** Таҷрибаи давлатсозии шӯравӣ ва сотсиализм аз нигоҳи дирӯз ва имрӯз.

Дарси санҷиши тестй барои иимаи аввали соли таҳсил (1 соат). Мавзуи 3. Тоҷикистон дар давраи бунёди асосҳои ҷомеаи иҷтимоӣ (1929 - 1937) (18соат)

**Сиёсати шӯравии саноатикунонии Тоҷикистон ва хусусияти он (1 соат).** Мазмун ва фаҳмиши ҷамъиятии саноатикунонй. Нақшаи саноатикунонии Тоҷикистон.

**Соҳахои асосии саноат дар раванди сиёсати саноатикунонй (2 соат).** Саноати хӯрокворй. Сохтмони корхонаҳои саноатй. Саноати маводци сохтмонй. Саноати бофандагй. Саноати вазнини ҷумҳурй ва масъалаҳои он. Саноати кӯҳй. Сохтмони корхонаҳои саноатй.

**Сиёсати давлатии тайёр кардани синфи коргари миллй (1 соат).** Сиёсати давлатии тайёр кардани синфи коргари касбй. Таълимгоххҳои касбй: ТФЗ (ФЗУ) - Таълимгоҳҳои фабрикй-заводй: ОФЗ - Омӯзишгоҳҳои фабрикй-заводй. Тариқи бригадавии тайёр кардани синфи коргар. Тарики фардии тайёр кардани синфи коргар. Тариқи аз берун ҷалб намудани коргарони касбй.

**Мусобиқаи истеҳсолй дар давраи бунёди асосҳои ҷомеаи сотсиалистй (1 соат).** Аз шанбегиҳои коммунистй ба мусобиқаи меҳнатй. Шаклҳои мусобиқа. Санадҳо аз таърихи мусобика.

**Дарси такрорй (1 соат).** Назария ва амалияи саноатикунонии сотсиалистй ва шарҳи дирӯза ва имрӯзаи он.

**Сиёсати шӯравии коллективонии сохаи кишоварзии Тоҷикистон: хусусиятҳо ва амали он (1 соат).** Принсипҳои асосии коллективонии соҳаи кишоварзӣ: Ихтиёрӣ дохил шудан ба колхозхо ва принсипи ихтиёрии интихоб намудани шакли колхозҳо.

**Раванди коллективонӣ дар солҳои панҷсолаи якум (1928/1929-1932/1933 (1 соат).** Сиёсати саросари (ҳатми) гузаронидани коллективонӣ. Омилҳое, ки ба раванди коллективонӣ таъсир расонида буданд.

**Сиёсати шӯравии сохтмони колхозӣ дар солҳои панчсолаи дуюм (1933 - 1937) 1 соат.** Инкишофи сохтории хоҷагиҳои коллективӣ. Раванди сохтмони колхозӣ дар рафти сиёсати давлатии коллективонӣ.

Раванди ташаккулёбии музди меҳнат ва каҷравиҳо дар рафти сохтмони колхозӣ (2 соат). **Таҷрибаи шаклҳои музддиҳӣ: баробармуздциҳӣ аз рӯйи сархӯрандаҳои хоҷагӣ;**

баробармузддиҳӣ аз рӯйи иштирок дар корҳои саҳроӣ; раванди ташаккулёбии музди (ҳаққи) меҳнати колхозчиён. Каҷравиҳо дар рафти муттаҳидсозии хоҷагиҳои деҳқонӣ.

**Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ дар давраи сиёсати коллективонӣ (1 соат).** Пахтакорӣ ва мусоидати он дар баланд шудани маишати деҳқонон. Колхозҳои миллионер. Ғаллакорӣ ва такдири он дар солҳои коллективонӣ. Чорводории шахсӣ ва ҷамъиятӣ. Соҳаҳои дигари хоҷагии қишлоқ.

Сохтмони ҳизбӣ, шӯроҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ (2 соат).

Ташкилёбӣ ва инкишофи ҲК Тоҷикистон, Анҷуманҳои ҳизбӣ. Роҳбарони ҳизбӣ. Сохтмони шӯравӣ ва ҳукумати ҷумҳурӣ. Созмони ҷавонон.

**Муборизаи синфӣ ва ақидавӣ дар солҳои 30-юми асри XX (2 соат).** Босмачигарӣ: Моҷароҳои охирини Иброҳимбек ва Аъзам. Тройкачигӣ. Таъқибкунандагон ва таъқибшавандагон. Шахсиятҳои таъқибшуда.

**Инқилоби маданӣ дар Тоҷикистон (2 соат).** Мафҳуми инқилоби маданӣ. Маориф ва мактаб. Адабиёт ва санъат. Илм.

Муассисаҳои маданӣ- равшаннамоӣ. Ташаккули маданияти шаклан миллию мазмунан сотсиалистӣ.

**Эълони анҷомёбии сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ ва ғалабаи пурраи сотсиализм дар Тоҷикистои (1 соат).** Раванди сохтмони сотсиализм: Иҷрои барномаи дуюми ҲКИШ. Конститутсияи сотсиализми ғолиби Тоҷикистон ва муҳтавои он.

Тоҷикони берунмарзӣ дар давраи гузариши тоҷикони шӯравӣ ба сотсиализм (1 соат). **Вазъияти тоҷикони Афгонистон. Вазъияти тоҷикони шӯравӣ. Тоҷикони ҷаҳон.**

Мавзӯи 4. ҶШС Тоҷикистон дар арафа ва давраи Ҷанги Дуюми Ч,аҳон ( 01.09.1939 - 02.09.1945)
(13 соат)

**Тоҷикистон дар оғози сохтмони сиёсати сотсиализми баркамол (1 соат).** Назария ва фалсафаи сохтмони сотсиализми баркамол ё таъмини ғалабаи пурра ва қатъии сотсиализм. Вазифаҳои панчсолаи сеюм дар соҳаи саноат. Вазифаҳои панҷсолаи сеюм дар соҳаи хоҷагии қишлоқ.

**Сабабҳои асосӣ ва баҳонаи сар задани Ҷанги Дуюми Ҷаҳоий (1 соат).** Омили зиддиятҳои байни давлатҳои капиталиста. Омили зиддиятҳои байни сотсиализму капитализм. Ҳуҷуми Олмон (Германия) ба Полша баҳонаи оғози ҷанг гардид.

**Иштироки фиристодагони Тоҷикистон дар набардхои аввали Ҷанги Дуюми Ҷаҳон (октябри соли 1939 - марти соли 1940 (1 соат).** Тоҷикистониён дар озод намудани Украинаи Ғарбӣ.Белоруссияи Ғарбӣ ва Молдавияи Ғарбӣ. Тоҷикистониён

*г.*

дар ҷангҳои Финляндия ва ёрӣ ба табаддулотҳои Наздибалтика. Неъмат Қарабоев - аввалин Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ аз Тоҷикистон.

Тоҷикистон дар давраи аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ **(22 июн-сентябри соли 1941) -1 соат.** Сабабҳои асосии сар задани Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Дар ибтидои ҷанг: ҷангҳои сарҳадӣ (Брест, Украинаи Ғарбӣ, Наздибалтика). Дар давраи ақибнишинй (Эргаш Рӯзиев) дар Смоленск (Ҳодй Кенҷаев), Қрим, Керч (Н. Илёсов).

**Иштироки тоҷикистоииёи дар муҳорибаҳои калонтарини давраи оғоз ва мустаҳкамкунии дигаргуниҳои қатъй дар рафти Ҷанги Бузурги Ватанӣ (сентябри соли 1941 - апрели соли 1943) -** 2 **соат.** Тоҷикистониён дар муҳорибаи назди Маскав (сентябри соли 1941 - апрели соли 1942). Ҷангномаи М. Иброҳимов. Амалиётхои ҷангии Дивизияи 20-уми савораи кӯҳгард. Иштироки точикистониёни мукими ш. Маскав дар ҶБВ. Тоҷикистониён дар муҳорибаи Сталинград. Ҷангномаи А.Турдиев.

Тоҷикистониён дар мухорибаҳои давраи ба аиҷом расидани дигаргуииҳои катъй дар рафти ҶБВ (1 соат). **Тоҷикистониён дар муҳорибаи Курск (5-уми июл - 23-юми августа соли 1943):** ҷангномаҳои И. Ҳамзаалиев, Ҳ. Кенҷаев. Тоҷикистониён дар муҳорибаҳо барои Днепр ва Ленинград: ҷангномаҳои С. Турдиев, Б. Давлатов, Д. Азизов, У. Ёқубов, Ҳ. Қосимов, Т. Эрйигитов.

Иштироки ҷаиговарони тоҷикистонй дар муҳорибаҳои давраи анҷомёбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳон (январи соли 1944-уми 2 сентябри соли 1945) (1 соат).

Тоҷикистониён дар ҷангҳои барои озод намудани ҳудудҳои ғарбии ИҶШС: дар Украина (С. Сейтвалиев, Ч. Урозов, Ф. Аҳмадов); дар Украина (И. Шарипов, Ҳ. Олимов); дар Наздибалтика (С. Амиршоев); дар озод намудани Аврупо (О. Ҳакимов, Р. Раҳматов, Э. Шарипов, Ф. Чепурин). Тоҷикистониён дар муҳорибаи Берлин ва шикасти Японияи милитаристӣ.

**Тоҷикистониён дар ҳаракатҳои партизанӣ ва муқовиматҳои зидцифашистӣ (1 соат).** Авҷ гирифтани ҳаракати партизанй ва иштироки тоҷикистониён дар он: сабабҳои асосии ба ҳаракати партизанӣ ҳамроҳ шудани тоҷикистониён. Партизанҳои тоҷик, ки маълуманд. Тоҷикон дар муқовиматҳои зидцифашистии Аврупо (Италия, Фаронса, Югославия, Полша, Булғория, Чехословакия).

**Ақибгоҳ дар хизмати ҷанг. Меҳнати фидокоронаи халқҳои Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1 соат).** Ба давраи ҷангӣ мутобиқ гардондани хоҷагии халқ: Сафарбарӣ ба ҷанг. Тағйир ёфтани фаъолияти корхонаҳои маҳсулоти таъйиноти ҳарбидошта. Ҷорй гардидани рӯзи кори 10- соата, ҳафта ва соли кории беистироҳат. Вазъияти иқтисодии ҷумҳурӣ: Баста шудани корхонаҳое, ки маҳсулоташон талабот ва ашёи хоми коркард надоштанд ё қувваи корй намерасид. Ба кор даровардани корхонаҳои аз минтақаҳои ҷангӣ кӯчонидашуда. Мусобиқаи меҳнатӣ дар корхонаҳои саноатӣ. Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба. Барои худ ва он ҷавон. Ёрй ба фронт: Тайёр кардани ҷанговарон барои фронт. Ба роҳ мондани истеҳсоли лавозимоти ҷангӣ. Таъсиси фонди ҷангй. Коғазҳои (заёми) ҷангӣ. Ҷамъоварии маблағ барои харидани техникаи ҷангй, туҳфа ба ҷанговарон ва аҳолии Ленинград; либосҳои гарм барои ҷанговарон.

**Муассисаҳои фарҳангӣ дар хизмати ҷанг (1 соат).** Мактаб дар солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон: Ҷорӣ гардидани таълими касбҳои ҳарбӣ дар синфҳои болоӣ ва таълими миёнаи касбию олӣ. Илм, адабиёт ва санъат дар хизмати ҷанг: Ба роҳ мондани тадқиқотҳои ҳарбӣ дар институту озмоишгоҳҳои шуъбаи тоҷикистонии АУИШ. Олимон ба фронт; театр дар хизмати ҷанговарон: Таъсиси дастаи театрии фронтй. Фарҳангиён дар чанг.

Дарси такрорӣ (1 соат). **Такрори мавзӯи 4.**

**Соатҳои захиравй (2 соат).** Соатҳои захиравй барои рӯзҳои иду ҷашнҳо ва ҳолатҳое, ки даре баргузор намегардад, таъйин шудаанд. Агар тақвим (ҷадвали дарсӣ) ба чунин ҳолатҳо

рӯ ба рӯ нашаванд, мактабҳо (синфҳо) ин соатҳоро метавонанд барои такрори фан ва ё умуман барои мавзӯъҳои хуб ҳазмнашуда дар давоми сол истифода баранд.

**Дарси санҷиши тестӣ (1 соат).** Дар охири сол барои хонандагони синфи 10 -ум дарси санҷиши тестӣ ташкил карда мешавад.

## БАР НОМА И ТАЪЛИМИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР СИНФИ 11-ум (68 соат)

## САРСУХАН

Тарбияи ватандӯстӣ тарбияест, ки дар натиҷаи он шаҳрвандон ватани худро дӯст дошта, баҳри рушду пешрафти он содиқона меҳнат мекунанд. Яке аз омилҳои муфиди тарбияи ватандӯстӣ ва ба камол расонидани ҷавонон, дуруст ба роҳ мондани омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мебошад. Ба туфайли соҳибистикдол гардидани Тоҷикистон омӯхтани таърихи Ватан ва мақоми он дар ҷомеа беш аз пеш меафзояд.

Ҳар як хонанда вазифадор аст, ки бо кумаки амалии омӯзгорон таърихи Ватанро аз нигоҳи нав омӯзад. Дар рафти омӯзиш бояд пеш аз ҳама, ба омилҳои зерин: азхуд кардани таҷрибаи муфиди таърихӣ; таҳлили объективонаи мушкилот, камбудию каҷравиҳо дар гузашта ва равшан донистани вазифаҳои имрӯза ва ояндаи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон диққати махсус до да шавад.

Маълум аст, ки қарни XXI дар миқёси ҷаҳон ва ҷумҳурӣ дар назди шаҳрвандон вазифаҳои ҷиддӣ мегузорад. Барои ҳалли онҳо шаҳрвандони асри навин бояд таърихи худро хуб дониста, дорои фарҳанги баланди умумӣ-сиёсӣ, ватандӯстӣ , башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ахлокд наку ва хислату арзишҳои умумибашарӣ бошанд.

Барномаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар синфи 11-ум дар асоси талаботи нав навишта шуда,баёни ҳодисаҳои солҳои 1945-2016-умро дар бар мегирад. Барнома аз ду фасл ва даҳ мавзӯъ иборат аст. Фасли якум ба омузгорон ва хонандагон барои омӯхтани мавзӯъҳои давраи азнавбарқароркунии хоҷагии

халқ ва масъалаҳои муҳимми ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 50-80-уми асри XX ёрии методӣ хоҳад расонд. Фасли дуюм ба давраи ташкилёбӣ ва пешрафти Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин фасл мавзўъҳои шароити таърихӣ ва раванди ташкилёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанги шаҳрвандӣ, сулҳ ва ваҳдат дар сарзамини тоҷикон, гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мақоми фарҳанг дар тарбияи шаҳрвандон, робитаҳо бо тоҷикони берунмарзӣ ва инчунин афзудани мақоми ҷумҳурӣ дар рушди ҷаҳон таҳлил ва ҷамъбаст шудаанд.

Барои ҳаматарафа донистани таърихи навини хеш ба хонандагон, инчунин тавсия карда мешавад, ки ба омўхтани сарчашмаҳо диққати муҳим дода, бо ҷойҳои таърихӣ, сохтмонхои бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз наздик шинос шаванд.

Азбаски дарси таърихи халқи тоҷик ҳаёти имрўзаи ҷумҳуриро низ дар бар мегирад, ба омўзгорон ва хонандагон тавсия карда мешавад, ки аз маводди дар рўзномаю маҷаллаҳо чопшуда ва барномаҳои симою садо низ самаранок истифода баранд.

Ҳамин тавр, дар назди хонандагони синфи ёздахум вазифаҳои басо мухим дар роҳи омўзиши таърихи давраи соҳибистиклолии Тоҷикистон истодааст. Донистани масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷумҳурӣ ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ имкон медиҳад, ки саҳми худро дар пешрафту ободии Ватани худ гузоранд.

## ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1945 - 2016

### Муқаддима (1 соат)

Зарурати омўхтани фанни «Таърихи халқи тоҷик», аҳамияти таълимӣ ва вазифаҳои асосии тарбиявии он.

Даврабандии замонии таърихи халқи тоҷик тайи солҳои 1945-2016. Масъалаҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии он. Сарчашма ва адабиёт.

Роҳҳо ва тарзи омўйиши таърихи навтарини халқи тоҷик дар синфи 11-ум.

## ФАСЛИ ЯКУМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1945 - 1990

### Мавзӯи 1. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи барқароркунии хоҷагии халк (солҳои 1945 -1950)

(5 соат)

Ба охир расидани ҷанг ва оғози барқароркунии хоҷагии **халқ.** Тагйироти куллии вазъи байналмилалй ва саҳми Тоҷикистон дар мустаҳкам намудани сулҳ дар ҷаҳон. Ба ҳаёти осоишта гузаштани ҷумҳурй. Оқибатҳои ҷанг ва тадбирҳо оид ба барҳам додани хоҷагии харобгаштаи ҷумҳурӣ. Аз тарафи Шӯрои Олии ҶШС Точикистон (августа соли 1946) кабулгардидани нақшаи панҷсолаи чоруми азнавбарқароркунии хоҷагии халқи ҷумҳурй ва хусусиятҳои он. Ба истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум баргардонидани корхонаҳои ҳарбикунонидашуда. Сохтмони корхонаҳои нави саноатӣ ва неругоҳҳои барқӣ обӣ. Таъсис дода шудани комиссияҳои махсус барои дар истеҳсолот истифода бурдани иштирокчиёни ҷанг.

**Тадбирҳо оид ба пешрафти хоҷагии халқ.** Ба кор даровварда шудани муассисаҳои нави саноатй. Зиёд шудани шумораи коргарон дар корхонаҳои саноатй. Мусобиқаи байни корхонаҳо барои пеш аз муҳлат иҷро намудани нақшаҳои истеҳсолй. Ба мактабҳои ФЗУ ва ФЗО ҷалб карда шудани ҷавонон, тайёр кардани мутахассисон аз байни онҳо. Аз нав барқарор кардани соҳаи кишоварзй. Қарорҳои Шӯрои Вазирони ИҶШС аз моҳи марта соли 1949 «Доир ба чораҳои тараққии минбаъдаи пахтакорй дар Тоҷикистон барои солҳои 1949 - 1952» ва майи соли 1950 «Дар бораи муттаҳидкунии колхозҳои хурд». Мустаҳкам кардани колхозҳо. Тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси хоҷагии кишоварзй. Кушода шудани мактабу техникумҳо ва курсҳои кӯтоҳмудцат барои тайёр кардани раисони колхозҳо, агрономҳо, ҳисобчиён, зоотехникҳо ва ғайра.

Бо техникаи нав ва технологияи пешқадам таҷҳизонидани хоҷагии халқи ҷумҳурй; баланд бардоштани савияи фарҳангию техникии коргарон ва колхозчиён. Аз ноҳияҳои кӯҳистон ба водии Вахш кӯчонидани мардум. Оғози рушди пахтакорй дар Тоҷикистон. Пешқадамони истеҳсолот ва

ҳавасманд гардонидани онҳо. Қаҳрамонони Меҳнати Сотсиалистӣ. Пеш аз муҳлат иҷро гардидани нақшаи панҷсолаи чорум. Душворию камбудиҳо дар кори барқароркунӣ.

**Дар шароити осоишта афзудани макоми фарҳанг.** Чорабиниҳо оид ба беҳтар кардани соҳаи маорифи халқ. Қарори Ҳукумат оид ба ҷорӣ намудани таълими ҳатмии умумии ҳафтсола (соли 1949). Мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус. Рушди илм, адабиёт, санъат; баланд бардоштани мақоми идораҳои фарҳангию маърифатӣ. Саҳми олимони бузург: А. А. Семёнов, М. С. Андреев, Е. Э. Бертеле, Б. Ғ. Ғафуров, 3. Ш. Раҷабов, А. М. Баҳовадцинов ва дигарон дар рушди илмҳои таърих ва чомеашиносӣ. Нақши Садридцин Айнӣ, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар ва дигарон дар пешрафти адабиёти тоҷик. Афзудани фаъолияти матбуоти даврӣ ва идораҳои фарҳангию маърифатӣ дар тарбияи шахрвандон.

**Дараҷаи некуаҳволии халқ.** Тадбирҳо оид ба беҳтар кардани сатҳи некуахволии мардум ва гандурустӣ дар ҶШС Тоҷикистон. Бекор кардани низоми карточкагӣ; паст гардидани нархи маҳсулоти саноатӣ ва хӯрокворӣ; барқарор карда шудани рӯзи кории 8-соата, ҳафтаи кории 6-рӯза, рухсатии меҳнатӣ; гузаронидани ислоҳоти пулӣ. Зиёд шудани шумораи муассисаҳои табобатӣ, шифохонаҳо, кӯдакистонҳо, боғчаҳои бачагон ва истироҳатгоҳҳои пионерӣ. Диққат додан ба тарбияи ҷисмонии ҷавонон. Обод гардонидани шаҳру деҳот; бо радио, телефон, чароғи баркӣ таъмин намудани онҳо.

**Ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ.** Азнавсозии фаъолияти шӯроҳо, ташкилотҳои ҳизбӣ, иттифокҳои касаба, комсомолӣ, занон. Котиби якуми Ҳизби Коммуниста Тоҷикистон интихоб шудани Бобоҷон Ғафуров ва фаъолияти сиёсию ҷамъиятии ӯ. Саҳми ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва фарҳанги умумии шаҳрвандон. Баланд шудани фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ, иттифоққҳои касабаи чумҳурӣ, чавонон ва занон дар барқарор намудани хоҷагии халқ.

Мавзӯн 2. Тоҷикистон дар давраи демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ (солҳои 50-80-ум) (4 соаг)

**Вазъияти байналмилалӣ ва саҳми ИҶШС дар мустаҳкам намудани сулҳ дар ҷахон.** Саҳми сохтори сотсиалистӣ ва ИҶШС дар муътадил гардонидани муносибат бо мамлакатҳои капиталиста оид ба таъмини сулҳ дар ҷаҳон. Ба вуҷуд омадани иттиҳодияҳои харбй. Мақоми Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ва дигар созмонҳои байналмилалй дар пешгирй намудани сиёсати «чанги сард». Шикасти низоми мустамликадорй. Афзудани робитаҳои иқтиеодй, техникй ва фарҳангй дар байни мамлакатҳои сохти сиёсиашон гуногун. Иштироки Тоҷикистон дар робитаҳои байналмилалии ИҶШС.

**Маҳкум карда шудани шахспарастӣ ва саршавнн ҷараённ демократикунонии ҷомеа.** Анҷумани XX ҲКИШ ва маҳкум карда шудани шахспарастии И. В. Сталин. Тадбирҳо оид ба барҳам додани вайронкунии қонунияти сотсиалистй ва демократикунонии ҳаёти ҷамъиятй. Беҳтар шудани муҳити маънавию сиёсй дар ҷомеа. Барқароркунии номи неки ҷазодидагони сиёсй - ходимони машҳури давлатӣ: Н. Махсум, А. Раҳимбоев, Ш. Шоҳтемур, Ч. Имомов, И. Исмоилов, С. К. Шадунс, У. Ашӯров ва дигарон.

**Ҳаёти ҷамъиятию сиёеӣ дар ҷумҳурӣ.** Зарурати қабули Конститутсияи нави мамлакат. Демократикунонии фаъолияти Шӯроҳо ва афзудани мақоми ташкилотҳои сиёсию ҷамъиятии ҷумҳурй дар баланд бардоштани фаъолияти сиёсй ва истеҳсолии меҳнаткашон. Ҷорй намудани услубҳои нави роҳбарй, диққати махсус додан ба ҷобаҷогузорй ва тарбияи кадрҳои лаёқатманд. Баланд гардидани нақши иттифоққҳои касаба доир ба саломатии шаҳрвандон ва ривоҷ додани мусобиқа дар истеҳсолоти саноатй ва кишоварзй. Тарбияи наели наврас дар рӯҳияи ватандӯстй ва меҳнатдӯстӣ.

**Тағйирот дар роҳбарии сиёсӣ ва идории ҷумқурӣ.** Баланд шудани мавқеи идораҳои давлатй ва фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсй. Дар арсаи байналмилалй афзудани обрӯйи Иттиҳоди Шӯравӣ. Баланд шудани мақоми Шӯроҳо. Ошкорбаёнӣ. Рушд ёфтани робитаҳои иқтисодию фарҳангии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷй. Фаъолияти ташкилотчигии котиби якуми Ҳизби Коммуниста Тоҷикистон Турсун Улҷабоев.

Саҳми ӯ дар рушду пешрафти хоҷагии кишоварзӣ ва бунёди силсилаи энергетикию саноатии ҷануби Тоҷикистон, аз ҷумла Неругоҳи барқи обии Норак. Беҳтар гардидани усули идоракунии давлатӣ. Кори ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар баланд бардоштани фаъолияти сиёсии шаҳрвандон.

**Мавзӯи 3. Хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 50 - 80-ум (6 соат)**

**Нақши панҷсолаҳо дар пешрафти ҳаёти иқтисодӣ.** Тадбирҳо дар роҳи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Самтҳои асосии тезондани прогресси илмию техникӣ. Таваҷҷуҳи хосса додан ба рушди саноат, кишоварзӣ, аз ҷумла пахтакорӣ, чорводорӣ, кирмакпарварӣ, боғутокпарварӣ. Бурду бохт дар ин соҳа.

**Рушди саноат. Комплекси ҳудудию истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ.** Зарурати ташкил кар дани Комплекси истеҳсолии аграрию саноатии Тоҷикистони Ҷанубӣ.

Фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷаббор Расулов. Сохтмони неругоҳҳои барқи обии Қайроккум, Норак, Бойғозӣ. Оғози сохтмони Неругоҳи барки обии Роғун. Сохтмони корхонаҳои азими саноатӣ: Заводи алюминии Тоҷикистон, Комбината электрохимиявии Ёвон, Комбината металлургию кӯхии Анзоб, Заводи нуриҳои азотии Вахш. Сохтмони роҳи оҳани Ёвон - Қӯрғонтеппа - Тирмиз. Қомат афрохтани биноҳои бисёрошёна дар шахрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Норак, Турсунзода. Корнамоии ҷавонон дар сохтмонҳои зарбдори чумҳурӣ. Душворию камбудиҳо дар соҳаи саноат ва сохтмон.

**Синфи коргар ва фаъолияти меҳнатии** ӯ. Тайёр кардани кадрҳо ва баланд бардоштани савияи фарҳангию техникии **ОНҲО.** Афзудани миқдори кормандони инженер-техникии дорой маълумоти олӣ ва миёнаи махсус. Дар нохияҳои ҷумҳурӣ кушода шудани филиалҳои муассисаҳои саноатӣ. Ёрии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар тайёр кардани мутахассисони баландихтисос. Сохтмонҳои зарбдори комсомолӣ эълон карда шудани Неругоҳи барқи обии Норак, Заводи алюминии Тоҷикистон ва Комбината электрохимиявии Ёвон. Ба амал

омадани шаклҳои гуногуни мусобиқаи истеҳсолӣ. Синфи коргари Тоҷикистон дар рушду пешрафти прогресси техникӣ. Қаҳрамонони Меҳнати Сотсиалистӣ: Розия Қурбонова, Илич Нурова, Тамара Меншикова, Бозорой Аҳмадова ва дигарон.

**Сиёсати аграрӣ дар ҷумҳурӣ.** Чорабиниҳо дойр ба бартараф кардани қафомонии соҳаи кишоварзӣ. Ташкилёбии Комплекси агросаноатӣ дар Тоҷикистон ва мақоми он дар татбиқи Барномаи озуқаворнии мамлакат. Саҳми олимони машҳур Б. Сангинов, Р. Мустақимов, Д. Қосимов, А. Ғаффоров, В. Н. Литвинов, Ҳ. Ҷумъақулов, А. Назаров, Н. Нурматов ва дигарон дар рушду пешрафти соҳаи кишоварзӣ. Азхуд кардани заминҳои бекорхобида. Васеъ гардидани майдонҳои пахтакорӣ ва ғаллакорӣ. Рушди соҳаҳои чорводорӣ, кирмакпарварӣ. Тайёр кардани мутахассисон барои сохаи кишоварзӣ. Саҳми Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ва омӯзишгоҳҳои миёнаи махсуси соҳаи кишоварзӣ дар тайёр кардани мутахассисони баландихтисос.

**Ҳаракати механизаторӣ дар деҳот.** Мустаҳкам кардани базаи моддӣ-техникии хоҷагии кишоварзӣ. Ом ода кардани кадрхои механизаторӣ. Дар хоҷагиҳои нохияҳои Колхозобод, Восеъ, Мастчоҳ, Хуҷанд кушода шудани курсҳои механик-ронандагони мошинҳои пахтачинӣ. Иштироки ҷавонон дар ҳаракати механизаторӣ. Сафарбар кардани духтарон барои таҳсил дар курсҳои механизаторӣ. Баланд бардоштани дараҷаи фарҳангию техникии механизатордухтарон. Таъсис до дани Ҷоизаи ба номи Зайнаббибӣ барои духтарон - ғолибони s

мусобиқаи байни механик - ронандагон, ки дар ҷамъоварии

пахта натиҷаҳои хуб ба даст овардаанд. Хурсанд Розиқова, Фариштамоҳ Усмонова, Сангимоҳ Ғуломова, Гулнора Рӯзиева, Кенҷагул Ҳамидова ва дигарон, ки сазовори Ҷоизаи ба номи Зайнаббибӣ гардиданд. Аз ҷиҳати маънавӣ ва моддӣ ҳавасманд гардонидани кормандони соҳаи кишоварзӣ.

**Чорводорӣ ва боғутокпарварӣ.** Тайёр кардани кадрҳои соҳаи чорводорӣ. Механиконидани корҳои соҳаи чорводорӣ. Истифодаи технологияи пешқадам. Саҳми рӯзномаҳои ҷумҳурӣ дар васеъ паҳн кардани таҷрибаи чорводорони пешқадам Суфро

Боқиева, Гулмирзо Абдумуродов ва дигарон. Фаъолияти бригадаҳои ҷуворимаккапарварӣ дар мустаҳкам намудани базаи хӯроки чорво. Рушди боғу токпарварӣ дар ҷумҳурй. Саҳми комплексҳои агросаноатии ба номи Ҷаббор Расулов, «Марғедар», «Файзобод», «Чӯбек» ва ғайра дар тайёр кардани консерваҳои хушсифати мевагй. Истифодаи заминҳои лалмй барои ангурпарварй. Муваффақият, душворй ва камбудиҳо дар соҳаҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Мавзӯи 4. Фарҳанг ва корҳои тарбиявй дар Ҷумҳурии Гоҷикистон (солҳои 50 - 80-ум) (6 соат) Пешрафтҳо дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ.** Тадбирҳо оид ба мустаҳкам намудани робитаи мактаб бо ҳаёт. Кушода шудани мактаб ва донишкадаҳои нав дар Тоҷикистон. Сол то сол „бештар ҷудо шудани маблағ ба пешрафти соҳаи маориф.

Диққати хосса додан ба сохтани мактабҳо. Мустаҳкам намудани робитаи мактаб бо ҳаёт. Тадбирҳо оид ба мустаҳкам кардани базаи моддию техникии мактабҳои таҳсилоти умумй, *

донишгоҳу донишкадаҳо ва бо кадрҳои баландихтисос таъмин

кардани онҳо. Ҷорй шудани маълумоти ҳатмии 8-сола. Муваффақияту камбудиҳо дар ин соҳа.

**Илм ва адабиёт.** Таъсис ёфтани Академияи илмҳои Тоҷикистон. Ба маркази таҳқиқоти соҳаҳои мухталифи илми ҷумҳурӣ табдил ёфтани Академияи илмҳои Тоҷикистон. Рушди илмҳои гуманитарй ва дакик дар ҷумҳурй. Саҳми олимони машҳур: Б. Ғафуров, А. А. Семёнов, 3. Раҷабов, С. Раҷабов, Б. Искандаров, А.Мухторов, Ҳ.Назаров, Х.Саидмуродов, А. Баҳоваддинов, П. Furthermore Бобоҷонов, Ҳ. Мансуров, М. Ғуломов, У. Мирсаидов ва дигарон дар рушду пешрафти илм. Тайёр кардани олимон аз байни ҷавонон. Рушди адабиёт. Афзудани нақш ва мақоми адабиёт дар баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон. Саҳми асарҳои «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода, «Тахти вожгун»-и Ҷалол Икромй, «Суруши Сталинград»-и Муъмин Қаноат, «Ҳар беша гумон мабар, ки холист»-и Фотеҳ Ниёзӣ ва ғайра дар тарбияи насли наврас.

**Санъат ва муассисаҳои фарҳангӣ.** Рушду пешрафти санъати касбӣ ва халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сахми санъаткорони мардумӣ, оҳангсозони маъруф: Фазлидцин Шаҳобов, Бобоқул Файзуллоев ва Шоҳназар Соҳибов дар кори ба нота гирифтани мероси нодири классикии халки тоҷик - «Шашмақом».

Нақши устодони бузурги санъати тоҷик: Муҳаммадҷон Қосимов, София Тӯйбоева, Туҳфа Фозилова, Акашариф Ҷӯраев, Аҳмад Бобоқулов, Ҳанифа Мавлонова, Лутфӣ Зоҳидова, Ғаффор Валаматзода, Ғуломалй Ғуломалиев ва дигарон дар пешрафти санъату фарҳанги миллй дар чумҳурй.

Рушду пешрафти ҳунари сарояндагй, навозандагй, театрӣ ва киноӣ тоҷик. Сарояндагони мумтоз: Акашариф Ҷӯраев, Боймуҳаммад Ниёзов, Одина Ҳошим, Барно Исҳокова, Зафар Нозим, Муқаддас Набиева, Ҷӯрабек Муродов ва дигарон. Сақми Малика Собирова дар пешрафти балети тоҷик. Нақши муассисаҳои фарҳангй ва саҳми матбуоти даврй дар тарбияи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, баланд шудани сатҳи фарҳангй ва сиёсии онҳо. Аз тарафи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон қабул гардидани Қонун «Дар бораи ба забони тоҷикй додани мақоми давлатй» (соли 1989).

**Кори тарбиявии байни шаҳрвандон.** Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсй дар кори тарбиявии шаҳрвандон. Мақоми шӯроҳои маҳаллӣ ва шӯрои координатсионй оид ба кори идеологии байни аҳолӣ. Саҳми шореҳон, аъзои ҷамъияти «Дониш», рӯзноманигорон, кормандони идораҳои фарҳангӣ, радио (садо), телевизион (симо) ва дигар воситаҳои тарғиботӣ дар тарбияи шаҳрвандон. Тарбияи меҳнатӣ ва ғоявии шахрвандон. Душворию камбудиҳо дар кори тарбиявй.

**Тарбияи наели наврас.** Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсй дар кори тарбияи наели наврас. Саҳми эстафетам сулҳ ва дӯстӣ, вохӯрӣ бо намояндагони ҷавонони минтақахои гуногуни ҷумҳуриҳои бародарй. Фестивали ҷавонони Осиёи Марказй ва Қазоқистон дар тарбияи башардӯстонаи ҷавонон. Фаъолияти Кумитаи кор бо ҷавонони Тоҷикистон дар тарбияи меҳнатй, ғоявӣ, ватандӯстӣ ва башардӯстонаи ҷавонписарону духтарони

ҷумҳурй. Робитаҳои ҷавонони Тоҷикистон бо корхонаҳои Полша, Ҷумҳурии Демократии Олмон, сохтмонҳои Венгрия ва дигар давлатҳо. Саҳми гузаронидани «Ҳафтаҳои сулҳ» дар чумҳурӣ барои муҳофизати сулҳ дар ҷаҳон.

Камбудиҳои кори тарбиявй дар байни ҷавонон ва роҳҳои ислоҳи онҳо.

**Кори тарбиявии байни занон.** Саҳми ташкилотҳои ҳизбй, комсомолй, шӯроҳои занон дар кори тарбияи занон ва духтарон. Шаклҳои гузаронидани кори тарбиявии байни занон: гузаронидани ҷаласаҳои махсуси занон, ташкил кардани барномаҳои доимамалкунандаи бонувон ба воситаи радио ва телевизион, ба ҷумҳуриҳои бародарй фиристодани коргарзанон барои омӯхтани таҷрибаи пешкадам; мунтазам ба корҳои роҳбарикунанда пешниҳод кардани фаъолзанон; баланд бардоштани фарҳанги умумй ва сиёсии занону духтарон. Саҳми шӯроҳои занон ва духтарон дар гузаронидани корхои тарбиявй. Муваффақияту камбудиҳо дар кори тарбиявии байни занон.

Мавзӯи 5. Тоҷикистон дар солҳои фарораеии буҳрон ва огози бозеозй дар ҷомеаи шӯравӣ (4 соат)

**Фароpаеии карахтй ва паст шудани сатҳи худфаъолиятии ташкилотҳои чамъиятию сиёсй.** Сохтори идоракунии Ҳизби Коммунистро фаро гирифтани бюрократизм. Сует шудани роҳбарии ҳизбй ба ташкилотҳои шӯравй ва ҷамъиятй. Поймол гардидани қонуниятҳои сотсиалистй. Мавқеи чумҳуриҳо дар доираи ҳокимияти иттифоқй: бурду бохт.

Паст шудани сатҳи худфаъолиятии шаҳрвандон. Вайрон кардани адолати иҷтимой. Иҷро нагардидани нақшаҳои панҷсолаҳои тараққиёти хоҷагии халқ, душворию камбудиҳои чиддй дар бахши маънавиёт ва корҳои тарбиявй. Догматизм ва шахспарастӣ дар соҳаи кори идеологи. Рост наомадани сухан бо амалия.

**Вазъи буҳронй дар мамлакат.** Иҷро нашудани нақшаҳои ианҷсолаҳо. Сует шудани идоракунй ва назорат аз болои корхонаҳои истеҳсолкунанда. Сари вақт ҷорӣ нагардидани техникаи нав ва технология!! пешқадам. Паст шудани ҳосилнокии меҳнат, ҳавасмандии моддй, риоя накардани

интизоми истеҳсолӣ. Аз нақша ба нақша гузаронидани объектҳои калони истеқсолй. Ба амал омадани норозигии гурӯҳҳои иҷтимоӣ. Паст шудани сатҳи худфаъолиятии шаҳрвандон. Вайрон кардани адолати иҷтимой. Афзудани дуздй, ҷинояткорй, ришвахӯрӣ, қаллобй, маҳалгароӣ, нашъамандӣ, тороҷкунии моликияти давлат. Рушди шахспарастӣ, вуҷуд надоштани ошкорбаёнӣ. Афзун гардидани қувваҳои оппозитсионй.

**Пеш гирифтани роҳи бозсозй.** Огози бозсозй, вазифа ва самтҳои асосии он. Зарурати тезондани рушди иқтисодии ҷумҳурй ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии шаҳрвандон. Бо озуқаворй таъмин кардани аҳолӣ, истифодаи самараноки захираҳои меҳнатй, бо манзил таъмин кардани шаҳрвандон. Гузариш аз идоракунии бюрократии маъмурию фармондиҳй ба идоракунии демократа. Роҳҳои асосии стратегияи иқтисодй, сиёсати аграрй. Худидоракунй, худмаблағгузорй. Сиёсати бозоргонӣ. Демократикунонии ҷомеа.

**Бозсозӣ ва оқибатҳои он.** Зарурати бозсозй. Қабул кардани қарорҳо: «Дар бораи демократикунонии ҷомеаи шӯравй ваислоҳоти сохтори сиёсй», «Дар хусуси мубориза бо бюрократизм», «Дар бораи муносибатҳои байналмилалй», «Дар бораи ошкорбаёнй», «Дар хусуси ислоҳоти ҳуқуқй». Мавқеи муҳимро ишғол намудани ошкорбаёнй. Ба миён омадани сохтори бисёрҳизбй ва тамоюли худмуайянкунй. Амалй гардидани ошкорбаёнй. Барқарор гардидани номи неки шахсоне, ки солҳои шахспарастй ҷазои сиёсй дида буданд. Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравй ва канда шудани ёрии техникй, таъминот бо ашёи хом. Иҷро нашудани нақшаҳои барномаи озуқаворй. Оқибатҳои бозсозй: муваффақиятҳо, душвориҳо, камбудиҳо ва каҷравиҳо.

## ФАСЛИ ДУЮМ
## ҶУМҲУРИИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

Мавзуи 6. Ташкилёбии ҷумҳурии соҳибистиқлоли тоҷикистон
(5 соат)

**Зарурати омӯхтани таърихи Чумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон.** Ғамхории бевоситаи Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба таълим ва омӯзиши таърихи халки тоҷик, хусусан давраи соҳибистиқлолй. Азхуд кардани тачрибаи муфиди таърихӣ. Таҳлили объективонаи мушкилоту камбудиҳо ва қаҷравиҳо дар гузашта. Равшан донистани вазифаи имрӯза ва ояндаи Ч,умҳурии Тоҷикистон. Дар рӯҳияи худшиносию худогоҳии миллй, ватандӯстии ҳақиқй, меҳнатдӯстӣ, одобу ахлоқи ҳамида тарбия ёфтани ҷавонон. Шинос шудан бо сарчашмаҳо, маводди осорхонаву бойгониҳо ва китобхонаҳо. Истифодаи устодон дар вақти дарс аз нақшаҳо, албому диафилм, диаграммаю слайдҳои ҳуҷҷатй.

**Пош хӯрдани ИҶШС.** Буҳрони умумӣ ва заминаҳои барҳамхӯрии ИҶШС. Сабабҳои объективй ва субъективии пошхӯрии ИҶШС. Суст гардидани низоми коммуниста. Канда шудани муносибати байни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ. Кӯшишҳои нигоҳ доштани ИҶШС ва гузаронидани раъйпурсии умумихалқй. Ҳал нагардидани масъалаҳои иқтисодию иҷтимой, тезутунд шудани фазой сиёсию тарбиявй, иҷро нагардидани ислоҳот дар соҳаи иқтисод ва фарҳанги мамлакати сермиллат. Вайрон шудани робнтаҳои иқтисодии ҷумҳуриҳои иттифоқй. Ҳалли дурусти худро наёфтани масъалаи миллӣ. Мунокишаҳо оид ба ҳалли масъалаҳои ҳудудй.

**Буҳрони сиёсӣ.** Боло гирифтани буҳрони сиёсй дар ҶШС Тоҷикистон. Ба амал омадани тамоюлҳои сиёсй барои аз ҳайати ИҶШС баромадан. Талаботи неруҳои мухолифин барои ба забони модарй додани мақоми давлатй, мустақилияти сохтори идоракунии миллй, барпо кардани давлати соҳибистиклол. Воқеаҳои феврали соли 1990 дар Душанбе ва оқибати он. Авҷ гирифтани ошӯбҳо, ғоратгарй, гаравгонгирй, дуздй ва оташ задани иморатҳо. Афзудани ҳаракати қувваҳои мухолифин (оппозитсионй). Таъсиси созмонҳо ва ҷамъиятҳои сиёсй. Қадамҳои аввалин дар роҳи сохибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори ҷаласаи Беловежск (наздикии Брест) доир

ба барҳам додани ИҶШС ва таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ).

**Шароити таърихии ташкилёбии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон.** Муташанниҷ гардидани ҳаёти сиёсӣ ва маънавии ҷумҳурӣ. Мубориза барои мансаб, ҳокимият байни ҳизбу созмонҳо ва шахсиятҳои алоҳида. Фаъолияти маҳфилу созмонҳои «Растохез», «Ошкоро», «Бохтар», «Меҳри Хатлон», «Ҳисори Шодмон», «Куруши Кабир» ва ғайра. Омилҳои объективӣ ва субъективны ташкилёбии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон. Қабули Эъломия дар бораи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ (24 - уми августи соли 1990). Аввалин Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон (29 -уми ноябри соли 1990) интихоб гардидани Қаҳҳор Маҳкамов. Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олӣ (сентябри соли 1991) ва қабул гардидани Эъломия «Дар бораи эълон шудани Истиклолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Аҳамияти таърихии ташкилёбии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон.

**Иҷлосияи таърихии тақдирсоз.** Афзудани вазъияти буҳронӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол. Бо роҳи ғайриконститутсионӣ аз вазифааш дур карда шудани Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев (майи 1992). Ташкил ёфтани Хукумати муросои миллӣ. Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) ва нақши он дар таҳкими давлатдорӣ, рушди минбаъдаи кишварамон. Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон. Аҳамияти таърихии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи 7. Ҷанги шаҳрванди.**

**Сулҳ ва вахдаг дар сарзамини тоҷикон (6 соат)**

**Сабабҳои саршавии ҷанги шаҳрвандӣ.** Омилҳои асосии рӯй додани ҷанги шаҳрвандӣ. Ба амал омадани мушкилоти иқтисодӣ, аз кор мондани корхонаҳо, ба фурӯш нарафтани маҳсулот, сари вақт нагирифтани маош, зиёд шудани миқдори бекорон. Шидцат гирифтани норозигии иҷтимоӣ. Муҳтоҷӣ ба хӯрок, либос, пойафзол. Вайрон кардани қонуният. Афзудани

ришвахӯрӣ, суиистеъмоли вазифа. Поймол кардани қонунҳо, фалаҷ гардидани корҳои идеологи, маҳалгарой, хешутаборчигӣ. Ба амал омадани сохтори бисёрҳизбӣ.
Оғози ҷанги шаҳрвандӣ. Гирдиҳамоиҳои соли 1992. Майдонҳои Шаҳидон ва Озодӣ. Муносибати ҳизбу созмонҳои нави ҷамъиятӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ. Зиёд гардидани харобиҳо, сафи қурбониён ва гурезагон
**Ҷанги шаҳрвандӣ ва ба итмом расидани он.** Задухӯрди байни ду қувваи бо ҳам зид. Авҷ гирифтани гаравгонгирӣ ва қатли шаҳрвандон. Амалиёти ҳарбӣ дар вилояти Қӯрғонтеппа ва водии Ҳисор. Кушта шудани одамони бегуноҳ. Зиёд шудани шумораи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ. Задухӯрди қувваҳои ҳукуматӣ ва дастаҳои муттаҳидаи мухолифин. Зиёд шудани шумораи ҳалокшудагон. Нақши бузурги Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бобати аз буҳрони сиёсию низомӣ баровардани Тоҷикистон ва рафъи хатари аз байн рафтани давлати миллии тоҷикон. Ҷустуҷӯйи роҳҳои гуфтушунид барои хотима додани ҷанг. Саҳми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи **Русия,** ^оҳбарони ҷумҳуриҳои Қазокистон-Нурсултон Назарбоев, Узбекистан - Ислом Каримов, Қирғизистон -Аскар Акаев, Русия-Борис Елтсин дар муътадил гардидани вазъ. Ташкил намудани Артиши миллӣ, барҳам додани дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ. Баҳри якпорчагии Тоҷикистон моноида шудани сарбозони дивизияи 201-уми Русия дар Тоҷикистон. Зарари моддӣ ва маъиавии ҷанги шаҳрвандӣ. Саҳми Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва дигар кишварҳо дар хотима додани ҷанг дар Тоҷикистон.
**Оғози гуфтушуниди байни тоҷикон. Комиссиям оштии миллӣ (КОМ).** Дарёфт намудани роҳхои сулҳ ва оштии миллӣ. Дастгирӣ ёфтани роҳи сулҳ дар Тоҷикистон аз тарафи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Русия ва мамлакатҳои ҷаҳон. Саҳми Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар кишвару созмонхои байналмилалӣ дар кори барқарор намудани сулҳ дар Тоҷикистон. Оғози гуфтушуниди байни тоҷикон. Саҳми Пешвои миллат, Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмон дар гузаронидани гуфтушунидҳо

ва ба даст овардани сулҳ. Давраҳои гузаронида шудаии музокироти байни тоҷикон. Имзои Созишномаи умумии истикрори сулҳ ва ризоияти миллй дар Тоҷикистон (27 -уми июни соли 1997) дар шаҳри Маскави Русия. Давраҳои ҷанги шаҳрвандӣ. Ба итмом расидани ҷанг ва оқибатҳои он. Таъсиси Комиссияи оштии миллй (КОМ). Фаъолияти КОМ. Иштироки Созмони Амнияту Ҳамкорй дар Аврупо (САҲА), Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва созмонҳои дигари байналмилалй дар фаъолияти КОМ.

**Мустаҳкам намудани ягонагй ва вахдат дар ҷумҳурӣ.** Чорабиниҳо оид ба мустаҳкам намудани сулҳу оштии миллй: бартараф кардани сохтори фалаҷгаштаи идораҳои давлатй; қабули қонунҳои авф; ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ; ба сохтори ҳукуматй шомил кардани намояндагони мухолифин; таъмини фаъолияти озодии ҳизбҳо ва ҷараёнҳои сиёсй. Таъсири барномаи «Хоки Ватан»-и Радиои Тоҷикистон дар раванди бозгашти фирориён. Зарари моддй ва маънавии ҷанги шаҳрвандй дар ҷумҳурй.

**Авдномаи ризоияти ҷомеа дар Тоҷикистон.** Имзо гардидани Ахдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон (9 -уми марти соли 1996). Саҳми Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (апрели соли 1996) дар татбиқи Ахдномаи ризоияти ҷомеа. Таъмини сулҳу субот дар мамлакат. Таҳкими Истиқлолияти давлатии ҷумҳурй. Таҳкими сохторҳои демократии давлат ва ҷомеа. Мубориза ба муқобили қашшоқии молию маънавй, барои вахдат ва субот. Қабули «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллй дар Тоҷикистон (27 -уми июни соли 1997). Таъсиси «Ҳаракати ваҳдати миллй ва эҳёи Тоҷикистон» (18 - уми июли соли 1997) ва фаъолияти он. Фаъолияти созмони Фонди миллии «Шоҳроҳи Абрешим - Шоҳроҳи вахдат» дар мустахдам намудани сулҳу вахдат дар Ҷумхурии Тоҷикистон.

**Давраҳо ва сабақҳои таърихии сулҳи тоҷикон.** Гузошта шудани заминаи боэътимод барои сулҳи пойдор ва ҳаёти осоиштаи ҷомеа. Давраҳои таърихии сулҳи тоҷикон. Хусусиятҳои сулхи тоҷикон. Саҳми Пешвои миллат, Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари мухолифин Саид

Абдуллоҳи Нурӣ, роҳбарони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Русия ва давлатҳои ба мо дӯст дар роҳи ба даст овардани сулҳи тоҷикон. Сабақҳои асосии сулҳи тоҷикон ва аҳамияти таърихии он.

**Мавзӯи 8. Ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (10 соат)**

Зарурати гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ дар мамлакат.

Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фароҳам овардани заминаҳои хуби гузаронидани ислоҳот. Ислоҳоти сиёсӣ ва хусусиятҳои он. Ба расмият даровардани қонуну қоидаҳои нав. Зарурати қабули Конститутсияи нав. Таъсис додани ҳайати нави Комиссияи конститутсионӣ. Ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод кардани Конститутсияи Тоҷикистон. Дар мамлакат амалӣ гардонидани мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ. Сохти давлатии ҷумҳурӣ. Интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон.** Интихоб гардидани Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Интихоби вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Палатаҳои Маҷлиси Олӣ: Мачлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон. Салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон. Фаъолияти кумитаҳои Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод, буҷет, молия, андоз, қонунгузорӣ, ҳуқуқи инсон, сохтори давлатӣ, шуғли аҳолӣ, корҳои байналмилалӣ, иттилоот, илму маориф, мудофиа, амният ва энергетика. Вазифаи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазифаҳои Раиси Маҷлиси намояндагони Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мунтазам такмил ёфтани сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ.

**Сохтори биеёрхизбӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон.** Ташаккули заминаи сохтори бисёрҳизбӣ дар ҷумҳурӣ. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (13-уми ноябри соли 1998). Ба амал омадани сохтори бисёрҳизбӣ дар ҷумҳурӣ. Мақсад ва вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва «Ахдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон». Фаъолияти Шӯрои

ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Иштироки ҳизбу созмонҳо дар интихоби парлумони касбй. Ташкил ёфтани фраксияҳои хизбӣ. Фаъолияти Ҳизби халкии демократии Тоҷикистон (ҲХДТ).

**Ислоҳоти иқтисодӣ ва хусусиятҳои он.** Зарурат ва моҳияти ислоҳоти иқтисодӣ. Гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ ва татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ислоҳоти иқтисодии ҷумҳурй ва хусусиятҳои он. Иқтисодиёти бозоргонии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба вуҷуд омадани сохтори гуногунмоликиятй дар мамлакат. Сармоягузорони хориҷй. Самтҳои асосии стратегияи иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рушди соҳибкорй. Аз тарафи давлат дастгирӣ ёфтани соҳибкории хурд. Душворй ва мушкилот дар роҳи ислоҳоти иқтисодӣ.

**Барномаи тараққиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Тартиб дода шудани барномаи тараққиёти иқтисодиёти ҷумхурй дар асоси рушди муносибатҳои бозоргонии танзимшаванда. Хусусиятҳои иктисодиёти бозоргонии Ҷумҳурии Тоҷикистон: эҳтироми моликият, кафолати хуқуқии иҷтимой, меҳнати озод, соҳибкории озоду рақобати одилона.

Афзудани мақоми бонкҳо дар амалӣ гардонидани ислоҳоти иқтисодӣ ва ёрмандии амалии онҳо барои пешрафти Барномаи тараққиёти иқтисодии Ҷумхурии Тоҷикистон. Мушкилот ва душвориҳо дар роҳи пешрафти иқтисодии ҷумҳурӣ.

**Сиёсати иқгисодии хориҷии ҷумҳурӣ.** Пеш гирифта шудани сиёсати дарҳои кушод ва рушди сиёсати иқтисодии хориҷии ҷумҳурй. Саҳми созмонҳои байналмилалй дар рушди муносибатҳои иқтисодии ҷумҳурй. Ёрии сармоягузорони хориҷӣ дар пеш бурдани сиёсати иқтисодии хориҷй. Мунтазам беҳтар намудани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда. Пеш бурдани сиёсати тиҷорати хориҷй барои фурӯхтани маҳсулоти чумҳурй. Аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон баровардани қонунҳо «Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷй», «Дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои рушду пешрафти иқтисоди мамлакат. Сол то сол зиёд шудани маҳсулоти содиротии Тоҷикистон. Рушди тиҷорат бо давлатҳои

дуру наздик ва давлатҳои ИДМ. Вазифаҳои стратегии ислоҳоти иқтисодии мамлакат барои солҳои оянда.

**Вазъи саноати ҷумҳурӣ.** Роҳҳои рушди саноати ҷумҳурӣ. Барқарор кардани корхонаҳои саноатие, ки солҳои ҷанги шаҳрвандӣ вайрон шуда буданд. Дар асоси техникаи нав ва технологияи пешқадам барпо кардани корхонаҳои саноатӣ. Зиёд кардани истеҳсоли молҳои саноатӣ. Рушди саноати давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар Тоҷикистон. Бо ёрӣ ва дастгириҳои давлатҳои тараққикарда сохтани неругоҳҳои барқӣ. Бунёди роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан дар ҷумҳурӣ. Ҳамкорӣ ба корхонаҳои хориҷӣ. Афзудани даромаднокии ҷумҳурӣ ба туфайли фаъолияти корхонаҳои муштарак. Ёрии сармоягузорони хориҷӣ дар сохтмони неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда - 1» ва «Сангтӯда - 2», «Роғун» ва ғайра. Рушди ҳамкориҳои гуногунсоҳа бо Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, давлатҳои Араб дар барпо намудани корхонаҳои саноатӣ. Сахми Фонди Оғохони IV дар сохтани корхонаҳои хурд, пулҳо, роҳҳои мошингард. Хусусигардонӣ дар соҳаи саноат. Соҳибкории хурд. Бо маҳсулоти ватанӣ таъмин кардани аҳолӣ. Рушди ҳунарҳои мардумӣ. Душворӣ ва камбудкҳо дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ.

**Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлол.** Ғамхории давлат ва ҳукумат оид ба рушди кишоварзӣ. Қабули қонунҳои Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)», «Дар бораи ислоҳоти замин», «Дар бораи пул супоридан барои замин», «Дар бораи шахсикунонии моликияти давлатӣ ва аз нав ташкил кардани хоҷагиҳо». Фаъолияти ассотсиатсияҳои иҷорагирон, ҷамъиятҳои саҳомӣ (аксионерӣ), хоҷагиҳои иҷоравӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ. Сол то сол афзоиш ёфтани маҳсулоти кишоварзӣ. Гуногунмоликиятӣ дар соҳаи кишоварзӣ. Фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерӣ дар рушду пешрафти пахтакорӣ, чорводорӣ, боғдорию сабзавоткорӣ ва занбӯриасалпарварӣ. Диққати махсус додан ба ҳавасмандии моддӣ ва маънавии кишоварзон. Сол то сол зиёд шудани маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзии кишвар.

**Масъалаҳои иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ.** Вазъи иҷтимой дар Ҷумҳурии Точикистон. Барқарор намудан ва рушди тандурустӣ

дар мамлакат. Баланд бардоштани сатҳи зиндагии нафақахӯрон, оилаҳои серфарзанд, камбизоат. Беҳтар кардани вазъи моддии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Бо ҷойҳои кор таъмин намудани шаҳрвандон, баланд бардоштани музди меҳнат. Мунтазам баланд бардоштани нафақаи пулӣ ба маъюбон, собиқадорони ҷангу меҳнат. Аз тарафи давлат ва сарпарастон зери сарпарастӣ гирифтани кӯдакони бепарастор, пиронсолони бекас. Фармони Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмон аз 6 - уми сентябри соли 2010 «Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендия». Сол то сол беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардуми Точикистон.

**Вазъи тандурустӣ дар мамлакат.** Ислоҳоти соҳаи тандурустӣ. Рушди оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва туризм. Баркарор кардани табобатхонаҳои дар солҳои чанги шаҳрвандӣ харобшуда. Бо техникаи навтарин ҷиҳозонидани табобатхонаҳо. Ба роҳ мондани истеҳсоли дорувориҳо. Тайёр кардани мутахассисони тиббии баландихтисос, самаранок истифода бурдани тибби мардумӣ. Сахми Донишгоҳи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос. Аз чиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд кардани кормандони соҳаи таб. Бо ёрии амалии созмонҳои байналмилалӣ мустаҳкам гардонидани базаи модци-техникии табобатхонаҳо. Мақом ва нақши олимон дар пешрафти илми тиб.

**Мавзӯи 9. Фарҳанг ва сатҳи маънавиёти умумию сиёсии шаҳрвандон (11 соат)**

**Фарҳанг ва мақоми он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Моҳияти консепсияи фарҳанг. Фарҳанг - ҳастии миллат. Рушди фарҳанг. Баланд бардоштани сатҳи ҳувияти миллӣ, ифтихори давлатдорӣ, пос доштани муқаддасоти миллии халқи тоҷик. Баланд бардоштани сатҳи маънавиёти шаҳрвандон. Ташкил кардани ҷашнҳои муҳташам, баргузории симпозиуму семинарҳо, фестивалу озмунҳо. Нашри китобҳои таърихӣ, адабӣ. Ташкили намоиши асарҳои рассомони ҷумҳурӣ дар кишварҳои хориҷӣ.

Баланд бардоштани мавқеи фарҳанг ва савияи мадании шаҳрвандон. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (1997). Соҳибистиқлолӣ ва эҳёи суннатҳои миллӣ.

**Ислоҳот дар соҳаи маориф.** Роҳҳои татбиқи амалии ислоҳоти маориф. Рушди соҳаи маориф, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (27 - уми декабри соли 1993), «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

(3 - юми майи соли 2002), «Дар бораи маълумоти олии касбӣ» (соли 2003). Ташкил ёфтани литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо, мактабҳои президента, донишкада ва донишгоҳҳои нав. Квотаи президента, стипендияи президента Мустаҳкам кардани базаи моддию техникии мактабҳои олӣ ва таҳсилоти умумӣ. Бо китобҳои нави дарсӣ ва васоити таълимӣ таъмин кардани мактабҳо. Соли маориф ва фарҳанги техникӣ. Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ дар тайёр кардани мутахассисони баландихтисос. «Барномаи ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидой ва миёнаи касбӣ барои солҳои 2012-2020». Душворӣ ва камбудиҳо дар рафти гузаронидани ислоҳоти соҳаи маориф.

**Илм, адабиёт ва санъат.** Пешрафти илм дар ҳаёти иқтисодию фарҳангӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон. Сақми «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020», «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгохлои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ» дар пешрафти илмҳои техникӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ. Вусъат додани илми соҳаи кишоварзӣ барои тараққиёти пахтакорӣ, чорводорӣ, рустанипарварӣ ва боғдорӣ. Саҳми олимони донишгоҳу донишкадаҳо дар таҳқиқ ва пажӯҳиши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва дақиқ. Нашри китобҳои дарсӣ, асарҳои илмӣ. Нақши олимони маъруф: Т. Назаров, С. Одинаев, А. Илолов, А. Раҳмонов, М. Диноршоев, Ф. Раҳимӣ, К. Олимов, М. Каримов ва дигарон дар пешрафти илм ва тайёр кардани олимони ҷавон. Гузаронидани конфронсҳо ва симпозиумҳои байналмилалӣ. Мавқеи адабиёт ва санъат дар баланд бардоштани фарҳанги шаҳрвандон. Саҳми ходимони маъруф: Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Қутбӣ Киром, Меҳмон Бахтӣ,

Гулназар, Саидалӣ Маъмур, Ҳақназар Ғоиб, Фарзона, Зафар Нозимов, Одина Ҳошимов, Ҷӯрабек Муродов, Давлатманд Холов, Саидқул Билолов, Нигина Рауфова ва дигарон дар пешрафти адабиёт ва санъати Тоҷикистон. Фаъолияти телевизион, радио, идораҳои фарҳангию маърифатӣ дар боло бардоштани фарҳанги умумии шаҳрвандон.

**Корҳои тарбиявию фарҳангӣ дар байни шаҳрвандон ва инъикоси он дар адабиёти илмию оммавӣ.** Таваччуҳи махсус додан ба масъалаи сатхи маданияти умумӣ ва сиёсии шаҳрвандон дар ҷумҳурӣ. Ҷамъбаст гардидани масъалаҳои тарбиявию фарҳангии шаҳрвандон дар асарҳо, суханрониҳо ва паёмҳои Пешвои миллат. Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Аз нигоҳи илмӣ баррасӣ ва арзёбӣ шудани фаъолияти тарбиявию фарҳангии шаҳрвандон, аз чумла ҷавонону занон, дар асарҳои А. Маҳмадазимов, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева, Д. Давлатзода, таҳлили масъалаи баланд шудани сатх.и фарҳанг ва вазъи тарбияи наели наврас дар мақола, китобҳои олимон ва сиёсатмадорон: В. Набиев, Г. Икромов, К. Нуралиев, Р. Асадуллоев ва дигарон. Муваффақияту камбудиҳо дар кори тарбиявӣ.

**Баланд бардоштани сатҳн маданияти умумӣ ва сиёсии шаҳрвандон.** Афзудани накдш ёдгориҳои таърихӣ ва осорхонаҳо дар тарбияи шаҳрвандон. Саҳми қарорҳои Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (13 - уми декабри соли 1997), «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» (3 - юми марта соли 2006), «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонахо» (3 - юми июли соли 2012), «Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» (3 -юми марта соли 2007) ва ғайра дар баланд бардоштани сатҳи дониш, савияи худшиноей, ватандӯстию меҳанпарварии шаҳрвандон. Мақоми

идораҳои фарҳангӣ дар тарбияи эстетикии шаҳрвандон, гузаронидани фестивал - озмунҳо: «Парасту», «Андалеб». Саҳми идораҳои давлатӣ, ҳизбу созмонҳо, ҷамъиятҳои ғайридавлатӣ дар тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ахлоқӣ, башардӯстӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва сиёсӣ.

**Афзудани кори тарбиявӣ дар байни ҷавонон.** Саҳми идораҳои фарҳангӣ ва Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори тарбиявии наели наврас. Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» (5 - уми октябри соли 1998). Мақоми созмонҳои ғайридавлатии ҷавонон дар кори тарбиявии наели наврас. Асарҳои Пешвои миллат, Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон: «Бунёдкорони ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Ҷавонон-ояндаи миллат», «Ҷавонон-созандагони фардои ҷомеа» ва суханрониҳои ӯ дар вохӯрӣ бо ҷавонон. Саҳми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (16 - уми декабри соли 2010) дар ҷодаи мустаҳкам намудани робитаи оила бо мактаб. Фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбу созмонҳо, Ассосиатсияи донишҷӯён дар рӯҳияи ифтихори миллӣ тарбия кардан, баланд бардоштани савияи сиёсӣ ва фарҳангию техникии ҷавонон.

**Мақоми зан дар ҷомеаи соҳибистиқлол.** Саҳми заной дар раванди демократа. Фаъолияти Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои ғайридавлатӣ дар ҷалб намудани занон ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодию иҷтимой ва фарҳангии ҷумҳурӣ.

Суханронии Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалй Раҳмон дар Анҷумани III иттиҳодияҳои занон ва созмонҳои ғайридавлатии занони ҷумҳурӣ 27 - уми апрели соли 1997 ва Рӯзи Модар. Баланд шудани мақому манзалати зан дар ҷомеа. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (декабри соли 1999) «Дар бораи баланд шудани мавқеи зан дар ҷомеа». Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ва Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020». Тантанаи сиёсати давлатии баробарҳукуқии марду зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**«Соли оила» ва мақоми он дар тарбияи шаҳрвандон.** Оила қисми чудонашавандаи давлат. Баланд шудани вазъи иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандони ҷумҳурӣ. Ҳамасола афзудани шумораи оилаҳои ҷавон ва баланд бардоштани маърифати ҳуқукии онҳо. Саҳми воситаҳои ахбори умум: телевизион, радио, матбуоти даврӣ дар мустаҳкам кардани оилаҳои ҷавон. Устувории оила ва рушди фарҳанги оиладорӣ дар тарбияи шаҳрвандон. Саҳми идораҳои фарҳангию маърифатӣ, кино, театрҳо дар баланд бардоштани мақоми оила. Тадбирҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ дар мустаҳкам кардани ҳаёти оилаҳои ҷавон. Аҳамияти тарбиявии дар шаҳри Душанбе бунёд ёфтани «Муҷассамаи модар» ва маҷмааи кӯдакон бо номи «Меҳри модар». Камбудию хатохо дар ташкили оиладорй.

**Варзиш ва тарзи ҳаёти солим.** Варзиш- косиди сулҳу амонӣ, қисми муҳимми фарҳанги умумибашарй. Тадбирхои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди варзиш. Нақши мусбат бозидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 - уми майи соли 1997 «Оид ба тарбияи ҷисмонй ва варзиш», Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2004 «Консепсияи миллии рушди тарбияи ҷисмонй ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар тарбияи шаҳрвандон. Фаъолияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузаронидани спартакиадаҳои ҷумҳурй. Ба мусобиқаҳои варзишй ҷалб кардани духтарон ва иштироки онҳо дар мусобиқаҳои байналмилалии варзишй ва бозиҳои олимпии байналмилалй.

**Қадршиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Афзудани сафи шахсоне, ки ба ҷоизаҳои ба номи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакй, Абӯалй ибн Сино, Исмоили Сомонй ноил гаштаанд. Унвонҳои фахрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Арбоби илм ва техникаи

Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Корманди шоистаи Тоҷикистон». Таъсиси унвони баланди мамлакат- «Қаҳрамони Тоҷикистон» ва ба он мушарраф гардидани Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалй Раҳмон, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум ва Ширииншоҳ Шоҳтемур.

**Ҷатни Наврӯз-омили муҳимми вахдату ягонагӣ.** Дар Тоҷикистони сохдбистиқлол эҳё гардидани ҷашну маросимҳои аҷдодй, суннатҳои миллй. Дар иҷлосияи 64-уми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи феврали соли 2010 қабул кардани қарор доир ба таҷлили Рӯзи байналмилалии Наврӯз. Наврӯз - ҷашни мустаҳкам кардани вахдату ягонагй, сулҳу дӯстй, меҳрварзй, саҳми арзанда гузоштан дар ободии

Ватан. Навруз-баробаршавии шабу руз, оғози кишту кор, омадани баҳор ба сарзамини ҳамешасабзи Тоҷикистон.

Мавзӯи 10. Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешрафти ҷаҳони имрӯза (7 соат)

**Инъикоси сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибисгиқлол дар адабиёти илмӣ.** Гуногунҷабҳа будани сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Инъикоси фаъолияти хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳо, паёмҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат, Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаҳои ҳукуматӣ, Маҷлиси Олӣ, аз минбарҳои баланди ҷаласаҳои Созмони Милали Муттаҳид. Таҳқиқи ҳалли масъалаҳои экологй, таъмини бехатарӣ, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва нашъамандй, бо нону оби тоза таъмин намудани инсоният, барҳам додани бесаводй ва ғайра. Дар асарҳои Т. Н. Назаров, Ҳ. Зарифй «Политика открытых дверей», 3. Саидов «Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе», А. Шарипов ва дигарон таҳлил ва ҷамъбаст гардидани сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Афзудани мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони имрӯза.** Тафаккури нави сиёсй ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешрафти ҷаҳони имрӯза. Тоҷикистон - узви Созмони Милали Муттаҳид (соли 1992) ва дигар созмонҳои байналмилалй. Кушода шудани сафоратҳои давлатҳои хориҷй

дар Тоҷикистон. Афзудани мақому манзалати Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви бештар аз 20 ташкилоти байналмилалй, аз ҷумла Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Конфронси Исломӣ, Фонди Байналмилалии Асъор чун субъекта байналмилалй дар рушду пешрафти ҷаҳони имрӯза. Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хдлли масъалаҳои глобалй: истеҳсол накардани силоҳи ҳастаӣ (ядрой), хомӯш кардани оташи ҷангҳои маҳаллй ва минтақавй, мубориза бар зидди озмоиши силоҳи ҳастай. Ҳамасола дар Душанбе гузаронидани форум ва симпозиумҳои байналмилалй, аз ҷумла барои ҳалли масъалаи оби тоза.

**Саҳми Тоҷикистон дар таъмини сулҳ дар ҷаҳон.** Фаъолияти Пешвои миллат, Президента Ҷумхурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар амалӣ гардидан ва мустаҳкам намудани сулҳ. Татбиқи сиёсати бозгардонидани тоҷикони фирорй. Таҷрибаи таърихии сулҳи тоҷикон. Фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқарор гардидани сулҳ дар Афғонистон. Саҳми босазои Ҷумхурии Тоҷикистон чун аъзои Созмони ҳамкории Шанхай баҳри таъмини сулҳ. Маҳкум кардани терроризм, экстремизм ва мубориза бар зидци нашъамандй. Суханронии Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалй Раҳмон аз минбари Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ва соли 2003 дар миқёси байналмилалй эълон гардидани «Соли оби тоза» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт».

**Робитаҳои иктисодй, иҷтимоии ҷумҳурӣ бо давлатҳои хориҷӣ.** Зарурат ва аҳамияти ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷй. Принсипҳои баробархукуқии байни давлатҳо яке аз омилҳои рушди хаёти иқтисодии ҷумҳурӣ. Самтҳои асосии робитаҳои иқтисодй-иҷтимоии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷй. Сиёсати «Дархои кушод»-ро пеш гирифтани Тоҷикистон. Барқарор ва мустаҳкам кардани робитаҳои иқтисодӣ-иҷтимой оид ба масъалаҳои ёрии гуманитарй, тиббӣ, ба кор даровардани объектҳои ҳаётан муҳим. Ташаббусҳои наҷиби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон кардани «Соли оби тоза», тачлили иди байналмилалии Наврӯз ва ғайра. Ҷаҳонишавй ва ҳалли масъалаҳои глобалии иқтисодй, техникй, технолога,

бехатарӣ ва иттилоотӣ. Робитаҳои тарафайн вобаста ба масъалаҳои воридот ва содирот. Мақоми бонкҳои хориҷӣ ва қарздиҳӣ.

**Ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ.** Ҳамкории байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва давлатҳои бо мо дӯст дар омӯхтан ва интишори фарҳанги қадима ва муосири тоҷикон. Анчумани байналмилалии Рӯдакӣ (Париж). Ташкили симпозиум, конфронсҳои илмии байналмилалӣ оид ба масъалаҳои муҳимми таърих ва назарияи тамадцуни мардумони форсизабон. Ташкили даҳа ва ҳафтаҳои санъат дар кишварҳои хоричӣ. Чопи китобҳои илмӣ, дарсӣ ва адабӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ. Мақоми мамлакатҳои тараққикарда дар тайёр кардани мутахассисони баландихтисос барои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Иштирок дар спартакиадаҳо, ҳафтаҳои санъату фарҳанг, олимпиада ва мусобиқаҳои варзишӣ. Фаъолияти олимон ва дастаҳои ҳунарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои дуру наздики ҷаҳон. Саҳми мамлакатҳои хориҷӣ дар мустахдам кардани базаи моддӣ-техникии мактабҳо ва идораҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ.

**Муҳоҷирати шаҳрвандони Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷӣ.** Оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. Кӯч бастани як қисми шаҳрвандони Точикистон ба мамлакатҳои хориҷӣ: Русия, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, ИМА, Исроил ва ғайра. Муҳоҷирони ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ дар Афғонистон, Покистон ва Чин. Ташаббуси Пешвои миллат, Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар баргардонидани шаҳрвандони ҷумҳурӣ аз кишварҳои хориҷӣ. Фаъолияти амалии ҳизбу созмонҳои мамлакат дар гузаронидани корҳои таблиғотию тарғиботии байни муҳоҷирон.

**Эҳё ва рушди робитаҳои Тоҷикисгон бо тоҷикони бурунмарзӣ.** Саҳми Пешвои миллат, Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор кар дани робитаҳои фарҳангию иқтисодӣ бо тоҷикони бурунмарзӣ. Шаклу усулҳои эҳё дар роҳи рушди робитаҳои фарҳангӣ бо тоҷикони бурунмарзӣ. Мақоми созмонҳои тоҷикони кишварҳои хориҷӣ дар омӯхтан ва интишори фарҳанги қадима ва муосири тоҷикон,

форсизабонон. Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон «Пайванд». Нақши созмони «Пайванд» ва ҷамъияти дӯстӣ дар мустаҳкам кардани робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо тоҷикони бурунмарзӣ. Саҳми Анҷумани «Пайванд» дар мустаҳкам кардани риштаҳои дӯстии байни шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ. Форумҳои тоҷикони ҷаҳон дар барқарор ва мустаҳкам кар дани робитаҳои фарҳангӣ.

Хулоса (1 соат)

Ҷамъбасти роҳи тайкардаи халқи тоҷик тайи нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XXI. Таҷрибаи таърихии халқи тоҷик дар ин давра: муваффақияту душворӣ ва камбудиҳо.

Ташкилёбӣ ва фаъолияти Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳёи фарҳанги миллӣ.

Вазифаҳои муқаддаси шаҳрвандон дар роҳи сулҳ ва таъмини ваҳдати миллӣ. Саҳми Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ᵀгутт узви Созмони Милали Муттаҳид дар нигоҳ дош гани сулҳ дар миқёси ҷаҳон.

Дарсҳои санҷишӣ ва ҷамъбастӣ (2 соат)

## АДАБИЁТҲО БАРОИ СИНФҲОИ 10-11- ум


Абулҳаев Р.А. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон. - қисми 1. — Душанбе, 2003; Қисми 2— Душанбе, 2005; Қисми 3. - Душанбе. 2008.

Абулхаев Р.А. Ҳалли масъалаи фирориён ва алоқаи он бо муҳоҷнрати дохнли ҷумҳурӣ. - Душанбе, 2001.

Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. - Душанбе, 2005.

Ахдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон. - Душанбе, 2000.

Бунёди давлатдории навин. - М., 2002

Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо. Дар партави асарҳо, мақолаҳо ва суханрониҳои Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: Адиб, 2015.

Ғафуров А.М. Ревкомы Таджикистана. - М., 2008.

Дипломатияи Тоҷикистон: Дирӯз ва имрӯз. - Душанбе: Ирфон, 2009.

Зиёев Т.Н. Таърихи умумӣ (Таърихи муосир. Давраи аввал. солҳои 1919-1945). Китоби дарсӣ барои синфи 9. - Душанбе: «Сарпараст», 2002.

Зикриёев Ф.Б. Таърихи ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2010.

Зикриёев Ф.Б., Набиева Р.А. Ҷумҳурии соҳнбистиқлоли Тоҷикистон - Душанбе, 2014.

Имомов Ш. Таърихи бедории миллӣ ва истиқлоли Тоҷикистон.- Душанбе, 2003.

История таджикского народа. Т. 3. Кн 1. Переход к социализму (1917-1937 гг.) Под ред. Б.А. Антоненко. - М, 1964.

История таджикского народа. - Т. 3. Кн 2. Период социализма и переход к коммунизму. Под ред. С.А. Раджабова, Ю.А. Николаева. - М, 1965.

История таджикского народа. - Т. VI. Новейшая история (1941-2010). Под. ред. Р.М. Масова. - Душанбе, 2011.

История Таджикской ССР. Учебник. Под. ред. академика З.Ш. Раджабова. - Душанбе, 1965.

История Таджикской ССР. Учебник. Под. ред. Б.А. Антоненко. - Душанбе, 1983

Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. — Душанбе: Матбуот, 2003.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Ирфон, 2011.

Лутфуллоев М.М., Зиёев Т.Н. Омӯзиши Қонуни асосӣ ва рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мактаб - Душанбе, 1998.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Даъвати чаҳорум. - Душанбе, 2014.

Маҷлиси Олин (Парламента) Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Санкт-
18. Петербург, 1998.

19. Мирзошоев С., Ханиф Ш. Миротворец. - Душанбе: Адиб, 2004.

20. Набиев В., Асадуллоев Р. Иҷлосияи такдирсоз ва самтҳои асосии ҳаракати ҷавонони Тоҷикнстон. - Душанбе, 2003 Набиева Р.,
21. Знкриёев Ф., Зикриёева М. Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои
22. асри XXI. -Душанбе: Матбуот, 2008.

Набиева Р.А., Зикриёев Ф. Б., Таърихи халқи тоҷик (китоби дарсй барои синфи 11). - Душанбе, 2006.

Набиева Р.А., Зикриёев Ф.Б. Таърихи халқи тоҷик (китоби дарсӣ). - Душанбе, 2001.

Набиева Р.А., Зикриёев Ф.Б., Зикриёева М.Ф. Таърихи Ватан. Дастури таълимй - метода барои донишҷӯён - Душанбе, 2012.

23. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 20 - уми январи соли 2016-Душанбе, 2016

Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар ойинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён.-Лондон, 2000.

Раҳмонов Э.Ш. Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост! -
24. Душанбе, 2000.

Раҳмонов Э. Ҷавонон -созандагони фардои ҷомеа. - Душанбе, 2008.

Раҳмонов Э.Ш. Бист қадами созанда.-Душанбе: Эр -граф, 2014.

Ризоияти ҷомеа - мароми мост. - Душанбе, 2002.

Роҳи сулҳ. Хуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон. - Душанбе, 1997.

25. Сайидзода З., Саидов Ф. Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушда устувори Тоҷикистон,- Душанбе, 2012.

Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон. - Душанбе, 2001.

26.

Фарҳанг ва санъати Тоҷикистони соҳибистиқлол.-Душанбе: Эҷод, 2006.
Хайдаров Г.Х. История таджикского народа. XX в. - Худжанд, 2001.
Хоҷаев М.Ҳ. Обҳои Тоҷикистон ва муаммоҳои баҳри Арал. - Хуҷанд, 2003.
Хрестоматия доир ба таърихи РСС Тоҷикистон. Барои синфҳои 7-10. Тартибдиҳанда А. Мухторов. - Душанбе: Маориф, 1987.
Ҳайдаров Ғ. Ҳ. Таърихи РСС Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11-уми мактаби миёна. - Душанбе: Маориф, 1991.
Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 10. - Душанбе, 2005.
Ҳаракати ваҳдати миллй ва эҳёи Тоҷикистон. - Душанбе, 1997.
Ҳизбҳо ва чунбишҳои ҷамъиятию сиёсй дар Точикистон. - Душанбе, 1990.
Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон. Маълумотнома. — Душанбе, 2002.
Ҳотамов Н.Б., Довудӣ., Мулоҷонов С.М., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои ихтисосҳои гайритаърихи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2011, 2015
Шарифзода А. Бунёдкор: - Душанбе, 2013.
Шарифзода А., Қосимй З. Фархундапай. - Душанбе, 2014.
Шарифов Ҳ. Тоҷикони бурунмарзӣ (таърихи пошхӯрӣ ва аҳволи ҳозира). - Хуҷанд, 1999.
Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилдҳои 1-8. - Душанбе, 1978-1988.
Эркаев М. Барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти шӯравй дар Тоҷикистон. - Душанбе, 1966.